## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ

***Бобоева Фарзона Шеравгановна*** *- унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,* e-mail: f.boboeva90@mail.ru

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ПОЛИТИКИ

***Бобоева Фарзона Шерафгановна*** *- соискатель кафедры экономики предприятий и региона Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики,*
e-mail: f.boboeva90@mail.ru

## THEORETICAL BASIS OF FORMATION OF REGIONAL ECONOMICAL POLITICS

***Boboeva Farzona Sherafganovna*** *– The Researcher of the Department of the Regional Economic the Tajik State University of Law,Bisiness and Politics*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисоди минтақавӣ, ислоҳот, вазифаҳои идоракунӣ, қаламрави иқтисодӣ, раванди истеҳсолот, тадқиқотҳои иқтисодии ватанӣ, сиёсати минтақавӣ*

*Дар мақола ғояҳои илмӣ бобати рушди назарияи иқтисодиёти минтақа ва масъалаҳои ташаккули сиёсати иқтисодии минтақавӣ баррасӣ гардидаанд. Мафҳуми қаламрави иқтисодӣ чун яке аз мафҳумҳои асосии иқтисодиёти минтақавӣ, ҳамчунин хусусиятҳои он шарҳ дода шудааст. Муаллиф равияҳо ва ғояҳои асосии назарияҳои илмиро ҷиҳати ташаккулёбии назарияи қаламрави иқтисодӣ ба низом даровaрда, онҳоро таҳлил намудааст. Алоқамандии қаламрави иқтисодӣ бо раванди иқтисодӣ, ҳамчун омили асосии рушди қаламрави иқтисодӣ нишон дода шудааст. Марҳилаҳои пайдоиш ва рушди назарияи қаламрави иқтисодӣ пайдарҳам нишон дода шудаанд. Дар хулоса муаллиф ақидаҳои худро ҷиҳати асосноккунии назариявии комилан мувофиқи назарияи қаламрави иқтисодии минтақа баён намудааст.*

***Ключевые слова:*** *региональная экономика, реформы,задачи управления,экономическая территория, производственный процесс,отечественные экономические исследования, региональная политика.*

*В статье рассмотрены научные идеи развития теории региональной экономики и вопросы формирования региональной экономической политики. Раскрыты сущность и особенности понятия экономического пространства как основного понятия региональной экономики. Автором сделана попытка систематизировать и проанализировать основные направления и идеи по формированию теории экономического пространства. Показана взаимосвязь экономического пространства с экономическим процессом, как основного фактора развития экономического пространства. Приведены этапы формирования и развития теории экономического пространства. В заключении автором приведены собственные выводы по адекватному теоретическому обоснованию теории пространственной экономики региона.*

***Key words:*** *regional economy, correction, management functions, economic space, production process, economic investigation of country, regional politics.*

*The article deals with scientific ideas of development of regional economic theory and problems of regional economic politics` formation. Here are revealed essence and peculiarities of economic space notion as a key notion of regional economy. The author attempted to systematize and analyze main directions and ideas of economic space formation. The relation of economic space and economic process are shown as a basic factor of economic space improvement. Here is also mentioned periods of formation and development of economic space theory in the article. In conclusion the author presents his own deduction about adequate theoretical rationale of space economic regional theory.*

Дар ҷомеаи имрӯза ақидаҳо оид ба муҳиммияти амалкарди иқтисодиёти минтақа, дараҷаи алоқамандии унсурҳои механизми иқтисодии минтақа, иқтидор ва самтҳои робитаҳои дохилию берунаи минтақа мустаҳкам гардида истодаанд. Таваҷҷуҳ ба иқтисодиёти минтақа бо гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва пайваста ба он муаммоҳои бамиёномада ҷиҳати ташаккули қаламрави ягонаи иқтисодӣ шарт дода мешавад.

Дигаргуниҳое, ки дар натиҷаи шакливазкунии низоми иқтисодию иҷтимоӣ дар низоми идоракунии давлатӣ ба вуҷуд омадаанд, нисбати нақши минтақа ва паҳншавии ғояҳои илмии нав ба рушди назарияи иқтисодиёти минтақа ва ташаккули сиёсати иқтисодии минтақавӣ муносибати навро ба миён овардаанд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати рушди минтақаҳо ва ахамияти он дар рушди кишвар қайд карда шудааст, ки «Рушди минтақаҳои кишвар сатҳи муҳимтарини татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ буда, ҳамчун нуқтаи ниҳоии тамоми кушишҳои қатъии ҳукумат дар самтҳои афзалиятнок дида баромада мешавад…» [1, с.38]. Аз ин ҷо бармеояд, ки сиёсати давлатии минтақавӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлат мебошад, ки мутобиқи стратегияи қабулкардаи давлатӣ ба рушди кишвар дар умум равона аст.

Сиёсати минтақавӣ бо роҳи татбиқи сиёсати иқтисодии минтақавӣ, сиёсати иҷтимоии минтақавӣ ва сиёсати умумиллӣ аз ҷониби минтақаҳо ва ҳам аз ҷониби худи давлат ба амал бароварда мешавад [2, с. 117].

Дарки масъалаи фарқгузорӣ ва муайянкунии миқдории хусусиятҳои иқтисодиёти минтақа ва ноилшавӣ ба вазифаҳои идоракунии рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа бо мақсади ташаккули муҳити ягонаи иқтисодии кишвар зарурияти дарки паҳнои васеи таҳқиқоти илмии назарияи иқтисодиёти минтақа ва назарияи ҳудуди иқтисодӣ, ташаккули консепсияи иқтисодиёти маконии минтақавиро пеш меорад [5; 6].

Дар таърихи тафаккури иқтисодӣ омили қаламрав мавқеи муҳимро дорад, зеро ҷабҳаи ҳудудии мафҳуми қаламрави иқтисодӣ бо таърихи рушди он шарҳ дода мешавад. Мафҳуми қаламрави иқтисодӣ яке аз мафҳумҳои асосии иқтисодиёти минтақавӣ мебошад [3, с 25]. Сифати қаламрави иқтисодӣ бо якчанд нишондиҳанда муайян карда мешавад: 1) зичӣ (чун таносуби шумораи аҳолӣ, захираҳои табиӣ, сармояи асосӣ ба воҳиди масоҳати қаламрав муайян карда мешавад); 2) ҷойгиронӣ (нишондиҳандаҳои мунтазамӣ, тафриқабандӣ, таҷаммуи аҳолӣ, истеҳсолот, мавҷудияти заминҳои азхудшуда ва азхуднашуда); 3) алоқамандӣ (шиддатнокии муносибатҳои иқтисодӣ байни ҷузъҳо ва унсурҳои қаламрав, шароитҳои мутаҳаррики меҳнат, сармоя, молу хидмат, ки бо рушди шабакаҳои нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ муайян карда мешаванд) [3, с.25].

Таҳлили пайдоиш ва инкишофи назарияи қаламрави иқтисодӣ, саҳми равияҳои алоҳидаи назарияҳои илмӣ дар ташаккулёбии он нишон медиҳад, ки қаламрави иқтисодӣ бо паҳноҳои бисёр хусусиятнок мебошад. Дар ҷадвали 1 баъзе аз ғояҳои илмӣ бобати қаламрави иқтисодӣ оварда шудаанд.

Ҷадвали 1

Консепсияҳое, ки ба ташаккули назарияи қаламрави иқтисодӣ таъсир расонидаанд: ғояҳои асосӣ

| Равияҳо | Олимон | Ғояҳои инкишофдиҳанда |
|---|---|---|
| Муносибати макроиқтисодӣ | У. Айзард<br>Т. Райнер<br>М.Гринхат<br>Л.Лефебр | 1) мутобиқшавии усулҳои макро-иқтисодиёт ба таҳқиқи минтақаҳо ва робитаҳои байниминтақавӣ, коркарди амсилаҳо: мувозинати қаламравӣ, ҷойгиронӣ, таҳқиқи низоъ да низомҳои иқтисодии минтақавӣ;<br>2) синтези назарияи ҷойгиронӣ, назарияи истеҳсолот, савдо, нархгузорӣ ва дигар назарияҳои макроиқтисодӣ;<br>3) ташаккули назарияи маҷмааҳои саноатӣ |
| Усулҳои банақшагирӣ ва танзими рушди қаламрав ва минтақа | В.И. Вернандский<br>И.Г. Александров<br>Н.Н. Баранский<br>В.С. Немчинов<br>Н.Н. Некрасов<br>А.Е. Пробст<br>Ю.Г.Саушкин<br>Я.Г. Фейгин<br>А.Г. Гранберг<br>А.Г. Аганбегян | 1) коркарди барномаҳои минтақавӣ ва лоиҳаҳои азими инвеститсионӣ;<br>2) фароҳам овардани асосҳои методии низоми банақшагирӣ ва идоракунии қаламравӣ;<br>3) ташаккули маҷмааҳои ҳудудии саноатӣ (минтақавӣ);<br>4) тавсифи қонуниятҳои ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолӣ;<br>5) тақсимоти ҷуғрофии меҳнат;<br>6) раванди ташаккул ва тахассусмандии ноҳияҳои иқтисодӣ;<br>7) асосҳои илмии банақшагирӣ ва ташкили истеҳсолот |

| | | |
|---|---|---|
| Рушди назарияи маҷмааҳои саноатӣ | М. Стрейт<br>К. Ричтер<br>С. Самански<br>М.К. Бандман<br>Р.И. Шнипер<br>М.Портер<br>П.Кругман<br>Д. Майлат | 1) омӯзиши поляризатсияи қаламрав чун натиҷаи модернизатсия ва сохтивазкунии минтақаҳои саноатӣ ва аграрӣ;<br>2) омӯзиши поляризатсияи қаламрав чун натиҷаи азхудкунии маҷмуи захираҳои табиӣ, самараҳое, ки ба туфайли таҷаммӯъ ва агломератсия ба даст оварда мешаванд;<br>3) асосноккунии мавҷудияти маҷмааҳои марзию истеҳсолӣ;<br>4) асосноккунии мавҷудияти кластерҳои ҳудудии саноатӣ (индустриалӣ) |
| Консепсияи «иқтисодиёти шабакавӣ» | М. Энригт<br>Р. Шулер<br>Р. Капелло<br>Г. Шибусава | 1) омӯзиши ҳамкории дохилишабакавии ширкатҳо;<br>2) омӯзиши таъсири низоми телекоммуникатсияҳо ба сохтори қаламрави иқтисодӣ;<br>3) омӯзиши таъсири шабакаи глобалии телекоммуникатсионӣ ба таркиби қаламравии рушди иқтисодӣ;<br>4) таҳқиқи ҳамкориҳои байни ширкатҳо ва дохили ширкатҳо аз мавқеи истифодаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ;<br>5) омӯзиши таъсири мутақобилаи ҳудудҳои иқтисодӣ |
| Консепсияи сиёсию ҷуғрофии ташкили қаламрави давлат | Ф. фон Ратсел<br>Р. Челлен<br>Ф. Науман<br>Х. Макиндер | 1) давлатҳо ба қаламрави табиӣ «ворид» мешаванд, ки танҳо дар ҳудуди қитъа имконпазир аст;<br>2) «назарияи органикӣ»-и давлат, баррасии давлат чун шакли хоҷагидорие аст, ки дорои механизми ҳудудии физикию ҷуғрофӣ мебошад;<br>3) назарияи «Аврупои Миёна» - қаламрави аз ҷиҳати сиёсию иқтисодӣ ҳамгиро<br>4) баррасии қаламрави иқтисодӣ тавассути низоми се доираи ҳаммарказ, ки дар маркази он «дили замин» ҷойгир аст |
| Консепсияи ҷойгиронии (штандортии) ташкили қаламрави давлат | И. Г. фон Тюнен<br>В. Лаунхардт<br>А. Вебер<br>В. Кристаллер | 1) назарияи давлати ҷудо кардашуда, нақшаи ҷойгиронии оптималии истеҳсолоти кишоварзӣ (штандорти кишоварзӣ);<br>2) штандорти минтақавии корхонаи саноатӣ;<br>3) назарияи штандорти саноатӣ, меъёрҳои ҷойгиронии оптималӣ (ба ҳадди ақал расонидани хароҷоти умумии истеҳсолот ва фурӯш);<br>4) назарияи ҷойҳои марказӣ |
| Танқиди консепсияи штандортӣ | А. Предел<br>Т. Полландер<br>О. Энглендер<br>Г. Ритчл | 1) инкори таърифи математикии маҳалли оптималии ҷойгиронии корхона;<br>2) ба ҳисоб гирифтани махсусияти соҳавии корхона, хусусиятҳои қаламравӣ ва фарқи минтақавии нархҳои захираҳо |
| Назарияи неоклассикии штандортӣ | А. Лёш | 1) ворид намудани мафҳумҳои «минтақаи иқтисодӣ», «ландшафти иқтисодӣ»;<br>2) ҷудокунии хелҳои минтақаҳои иқтисодӣ;<br>3) таҳлили ҷойгиронии истеҳсолкунандагон дар шароити рақобат;<br>4) ташкили қаламравии хоҷагидорӣ |
| Консепсияи «қутбҳои рушд» | Ф. Перру<br>Ж. Будвил<br>Э. Гувер<br>Х. Р. Ласуэн<br>П. Потйе | 1) баррасии нобаробарӣ ҳамчун принсипи бунёдии рушди иқтисодӣ ва сабаби шаклдигаркунии қаламрави иқтисодӣ;<br>2) омӯзиши қувваҳои поляризатсияи қаламрав (самтиятҳои он) дар атрофи соҳаи пешбаранда;<br>3) шарҳи минтақавии «қутбҳои рушд» ва типологияи қаламрави иқтисодӣ;<br>4) омӯзиши таҷаммӯи қаламрави иқтисодӣ дар атрофи марказҳои калони саноатӣ ва молиявӣ, таъсири таҷаммӯи ба рушди иқтисодӣ дар минтақа |
| Назарияи банақшагирии иқтисодӣ | Н.Н. Колоссовский | Таҳияи нақшаи тақсимоти маъмурӣ ва иқтисодии ҳудуди кишвар |

Бояд қайд намоем, ки мактаби ватании тадқиқоти иқтисодии минтақавӣ аз рӯи ин равияҳо намояндагони худро дорад. Масалан, аз рӯи самти иқтисодию ҷуғрофӣ (Хоналиев Н., Умаров Х., Обидов Ф.С., Холмирзоев Д.); омӯзиши иқтисодиёти минтақа аз мавқеи мавҷудияти захираҳо (Саидмуродов Л., Мирбобоев Р.М., Каюмов Н.Қ., Ризоқулов Т.Р., Одинаев Ҳ.А.), самти иқтисодиёти сиёсӣ (Абдуғафоров А., Умаров Ҳ.); самти инноватсионӣ (Комилов С.Ҷ., Файзулло М.Қ., Алимов А.); амсиласозии рушди минтақавӣ (Ҷурабоев Ғ., Қодиров А.Л.) ва ғайра.

Тасаввурот оиди қаламрави иқтисодӣ оғози худро аз назарияи ҷойгиронии истеҳсолот, ки тибқи он нахуст иқтисодиёт на дар категорияи «нуқта», балки дар категорияи «макон» баррасӣ шудааст, сарчашма гирифта, аз рӯи самтҳои зерин инкишоф меёбад:

1) пуркунии қаламрави иқтисодӣ бо сохтор;
2) бунёди иерархияи макон ва муайянкунии робитаи мутақобила;
3) муайянкунии сифатҳои гуногуни сохтор, гуногунтаркибии он, кӯшиш ба таҷаммуъ, агломератсия, поляризатсия.

Билохир, дар ҷараёни инкишофи тафаккули илмӣ мафҳуми қаламрави иқтисодӣ бо мафҳуми раванди иқтисодӣ зич алоқаманд аст, ки маҳз он ҳамчун омили асосии рушди қаламрави иқтисодӣ баромад мекунад. Дар чунин маврид кӯшиши муҳаққиқон ҷиҳати ҷудо намудани ҳудудҳои ин макон, илова кардани мушаххасоти маъмурӣ ва ё ҷуғрофӣ ба он мушоҳида мегардад.

Таҳлили консепсияҳои илмӣ ҳамчунин рушди тасаввуротро бобати омилҳои дар доираи қаламрави иқтисодӣ ба таври фундаменталӣ таъсиррасон инъикос менамояд. Аз рӯи моҳияти худ ин чор омили классикии истеҳсолот мебошад, ки Й.Шумпетер мухтасар ифода кардааст [7]: 1) замин (тавассути категорияи штандортҳо баррасӣ мегардад); 2) меҳнат (танзим, тақсимот ва истифодаи қувваи корӣ); 3) сармоя (захирае, ки ба сифати хароҷот мавриди баамалбарории ҷараёни истеҳсолӣ истифода мешавад); 4) фаъолнокии соҳибкорӣ (тавассути рақобат баррасӣ мегардад).

Ба сифати лаҳзаи авҷи рушди тасаввурот бобати омилҳои дар доираи қаламрави иқтисодӣ ба таври фундаменталӣ таъсиррасон мустаҳкамкунии омили нави таъсиррасон - раванди иқтисодӣ баромад мекунад. Раванди иқтисодӣ воқеӣ буда, он танҳо дар доираи муҳити институтсионалии мавҷуда имконпазир аст, ки ба он ҷараёнҳои ногаҳонии иқтисодие, ки ба тағйироти он замина мегузоранд, таъсир мерасонанд.

Таҳлили пайдоиши назарияи қаламрави иқтисодӣ дар қаринаи ташаккули назарияи қаламрави иқтисодии минтақа имкон медиҳад, ки се марҳилаи рушди онро ҷудо намоем. Аввалан, ин марҳилае, ки дар он ташаккули асосҳои фундаменталии назарияи қаламрави иқтисодӣ ба миён омадааст ва ба он баррасии содашудаи қаламрави иқтисодӣ, маҳдудияти аппарати методологии таҳқиқот хос аст. Дуюмин, ин марҳилаи ҷамъбаст ва инкишофи назарияҳои илмӣ дар самти аниқгардонии ҳудуд ва сохтори раванди иқтисодӣ мебошад, ки тамаркузи таваҷҷуҳро ба сохтори раванди иқтисодӣ, пурзӯр намудани дастгоҳи методологӣ ва методии таҳқиқот инъикос менамояд. Сеюмин, ин марҳилаи синтези назарияҳои мухталиф ва ташаккули назарияи муосири қаламрави иқтисодӣ мебошад, ки баррасии маҷмаавии объект ва предмети таҳқиқот, рушди минбаъдаи аппарати методологӣ ва диверсификатсияи аппарати методиро ифода менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили саҳми назарияҳои алоҳида дар ташаккули назарияи иқтисодиёти қаламравӣ нишон медиҳад, ки дар асоси синтези назарияҳо нуктаҳои асосии назарияи қаламрави иқтисодии минтақаро ташаккул додан мумкин аст. Албатта, айни замон онро назарияи илмии алоҳида номидан мумкин нест, лекин аз тарафи дигар ташаккулёбии соҳаи нави фанние, ки назарияи ҷойгиронии истеҳсолот, назарияи мувозинати иқтисодии қаламравӣ, назарияи иқтисодии классикӣ ва неоклассикиро мепайвандад, инкор карда намешавад. Аҳамияти ин соҳаи таҳқиқот, яъне қаламрави иқтисодии минтақа, имрӯз афзудааст ва асосноккунии назариявии комилан мувофиқро талаб мекунад.

## АДАБИЁТ

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе: Контраст, 2016. - 89 с.
2. Коваленко Е., Полушкина Т., Якимова О., Акимова Ю. Региональная экономика и управление: Учебное пособие. 3-е изд., перераб. и доп. – СПб: Питер, 2018. – 224 с.
3. Гранберг А.Г. Основы региональной экономики: учебник для вузов/Гос.ун-т – Высшая школа экономики. 5-е изд. М.: Изд.дом ГУ ВШЭ, 2006.
4. Смешко О.Г. Региональная экономика: факторы развития: монография. СПб: Издательство Санкт-Петербургского университета управления и экономики, 2014. – 266 с.

5. Синергия пространства: региональные инновационные системы, кластеры и перетоки знания/отв. ред. А.Н. Пилясов. Смоленск: Ойкумена, 2012.
6. Региональное развитие: опыт России и Европейского Союза/под ред. А.Г. Гранберга. М.: Экономика, 2020.
7. Шумпетер Й. Теория экономического развития (исследование предпринимательской прибыли, капитала, кредита, процента и цикла конъюнктуры). М.: Прогресс, 1982.

REFERENCES

1. National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030. - Dushanbe: Contrast, 2016. - 89 p.
2. Kovalenko E., Polushkina T., Yakimova O., Akimova Yu. Regional economy and management: textbook. 3rd ed., Rev. and add. - SPb: Peter, 2018 .-- 224 p .
3. Granberg A.G. Fundamentals of regional economics: textbook for universities / State University - Higher School of Economics. 5th ed. Moscow: Publishing house of the State University Higher School of Economics, 2006.
4. Smeshko OG Regional economy: development factors: monograph. St. Petersburg: Publishing House of St. Petersburg University of Management and Economics, 2014. - 266 p .
5. Synergy of space: regional innovation systems, clusters and knowledge flows / otv. ed. A.N. Pilyasov. Smolensk: Oikumena, 2012.
6. Regional development: the experience of Russia and the European Union / ed. A.G. Granberg. Moscow: Economics, 2020.
7. Schumpeter J. The theory of economic development (study of entrepreneurial profit, capital, credit, interest and the market cycle). Moscow: Progress, 1982.